Чаласаи Шӯрои хамохангзозии  фаъолияти макомоти хифзи хукуки Чумхурии Точикистон дар Сарпрокуратураи харбии мамлакат бо иштироки рохбарони макомоти хифзи хукук ва дигар шахсони  масъули вазорату идорахои дахлдор баргузор гардид, ки дар кори он масъалахои холати ичрои конунхои Чумхурии Точикистон «Дар бораи сархади давлатии Чумхурии Точикистон», «Дар бораи Кӯшунхои сархадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Чумхурии Точикистон» ва дигар санадхои меъёрию хукукӣ  доир ба хифзи сархад  мавриди баррасӣ карор дода шуд.





Дар чараёни он кайд карда шуд, ки макомоти дахлдор ваколатхои ба зиммадоштаашонро оид ба масъалахои ичрои талаботи конунхо ва оинномахои харбию сархадӣ дар мавриди химоя ва хифзи сархадоти давлатӣ ичро намуда, хамкорию хамохангсозии фаъолияти макомотхо дар сатхи зарурӣ ба рох монда шудааст.





Тазаккур дода шуд, ки дар даврони сохибистиклолии кишвар сатхи таъминоти моддию техникии хизматчиёни Кӯшунхои сархадӣ куллан  тагйир ёфта, хифз ва таъмини амнияти кишвар аз чониби онхо бо тамоми имкониятхои муосири назоратӣ ва техникаву лавозимоти чангӣ нихоят хуб ба рох монда шудааст.

Дар рафти машварати корӣ маълум гардид, ки дар самти химояи сархади давлатӣ то

ханӯз баъзе камбудихою конунвайронкунихо чой доранд, бинобар ин рохбарону масъулини вазорату идорахои дахлдор ухдадор гардиданд, ки ичрои хаматарафаи санадхои меъёрию хукукии зикршударо таъмин намуда, бахри бартараф намудани норасоихои чойдошта чорахои зарурӣ андешанд.